**Суратмаҷлиси № 2**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 01 феврали соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, № 18/шд тамдидгардида, 11 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои Шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Кабиров Шарифбек Абдусаломович** дар мавзуи « **Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

**Шунида шуд:**

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи эскпертии Шурои диссертатсионӣ Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна, аъзои комиссияи экспертӣ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна ва Матробиён Саодатшо Қосимзода баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи **Кабиров Шарифбек Абдусаломович** дар мавзуи « **Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Шафоатов Азал Нусратович –** доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов;

- **Наҷмиддинов Акбаршоҳ Файзуллоевич –** номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи мутолиоти аврупоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 12.04.2025, соати 13:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Турсунов Ф.М.

И.в.котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, дотсент Абдуллоева Г.З.